# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз таҳти унвони "Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа(PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)

Аҳмади Ҷом, маъруф ба Жандапил, дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, аз ҷумлаи орифони соҳибмашрабу суханварони соҳибмактаб ва донишманди тавонманд дар офаридани осори манзуму мансур шинохта шудааст. Осори насрии Аҳмади Ҷом, ба мисли «Анис-ут-тоибин», «Равзат-ул-музнибин», «Сироҷ-ус-соирин», «Мифтоҳ-ун-наҷот», «Кунуз-улҳикмат», «Биҳор-ул-ҳақиқат», «Рисолаи Самарқандия» ва ғ. дар таҳаввули насри форсии тоҷикӣ дар асрҳои XI-XII, бахусус насри сӯфиёна ва ирфонӣ, нақши назаррас гузоштааст. Ин осор аз нигоҳи мазмуну мундариҷа, сохту таркиб, фарогирии мавзуъҳои адабӣ, ирфонӣ, таърихӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва бархурдор аз хусусиятҳои боризи филологӣ, ба монанди сабки наср, шеваи баёну гуфтор, корбурди ашъор, истифодаи ахбору осор, баёни нақлу ривоёти дилнишин, тарҷумаи мутун, зикри истилоҳоту таъбироти сӯфия ва шарҳу тавзеҳи онҳо, маърифати сарчашмаҳои фикрии суханварон аз манобеи хеле пурбору омӯхтанӣ ва шоистаи таҳқиқоти ҷудогона мебошад.

Хусусиятҳои ёдшуда, дар маҷмуъ, осори насрии Аҳмади Ҷомро ҳамчун сарчашмаҳои саршор аз асноди илмию адабӣ ва таъсиргузор дар таҳаввули насри форсии тоҷикӣ муаррифӣ намуда, муҳаққиқонро водор месозад, то аз паҳлуҳои мухталиф бо умқу вусъати хоса онҳоро мавриди таҳқиқ қарор диҳанд.

Боби аввали диссертатсия «**Аҳмади Ҷом ва таҳаввули насри ирфонӣ дар аҳди ӯ»** унвон дошта, фарогири ду фасл аст.

Боби дуюми диссертатсия «**Нусхашиносӣ ва пажуҳиши сохторию мавзуии осори насрии Аҳмади Ҷом»** ном дошта, аз ду фасл таркиб ёфтааст.

Дар хулоса, натиҷаҳои асосии таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси маводи мушаххаси амалӣ оварда шудаанд, ки таҳлил ва гурӯҳбандии он ба муҳаққиқ имкон додааст, ки вазифаҳои гузошташударо ҳал намояд. Роҷеъ ба мухтавои асосии диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқ, муаллиф дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ ва маҳфилу семинарҳои илмии адабӣ (солҳои 2017-2022) маърузаҳо ироа намудааст. Қисматҳое аз диссертатсия дар конфронсҳои анъанавии илмии донишгоҳ

ва ҷаласаҳои кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (солҳои 2017-2022) гузориши илмӣ шудааст.

Муҳаққиқ вобаста ба мавзуи диссертатсионӣ, 8 мақолаи илмии бачопрасида инъикос ёфтаанд, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, ки мавзуъ, масъалаҳо, мундариҷа ва натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқро инъикос мекунанд.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсияи Р Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз таҳти унвони "Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикииосори насрии Аҳмади Ҷом» чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки муҳаққиқ дар натаҷаи меҳнати чандсола ба мақсади худ расидааст. Тахлилу муҳокима ва натиҷагирии муаллифи диссертатсия аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат аст. Дар баробари муваффақияти бадастомада дар автореферат баъзе камбудиҳо мушоҳида карда шуд, ки ислоҳи онҳо ба манфати кор мебошанд.

1. Дар автореферати диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои техникиву имлоӣ ва баъзан услубӣ дар ҷумлаҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба сифати кор мебошад;
2. Дар рӯйхати адабиёт оид ба корҳои анҷомдодаи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ нишон дода шудааст, аммо дар матни автореферат кам ба назар мерасанд;
3. Мисолҳои овардашуда дар автореферати диссертатсия зиёд ба назар мерасад;

Ҷойи зикр аст, ки камбудиву нуқсонҳои мазкур характери ҷузъӣ дошта, ислоҳшавандаанд мебошанд ва қимати илмии автореферат ро намекоҳонад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз таҳти унвони "Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» дуруст, пурра ва мукаммал буда, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)

Дар асоси мубрамӣ, навгонии илмӣ, ҳаҷми кори таҳқиқотии иҷрошуда ва аҳамияти назариявию амалии натиҷаҳои таҳқиқ, ки таҳти унвони "Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» манзур шудааст, ба талаботи бандҳои бандҳои 61, 62-и Низомномаи

шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, дуруст, пурра ва мукаммал буда, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз барои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) сазовор аст.

н.и.ф, дотсенти кафедраи
адабиёти тоҷики
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи А.Рӯдакӣ — Зулфиев Г.Н.

Имзои .и.ф., Зулфиев Г.Н.-ро
тасдиқ мекунам:

Сардори РК КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: — Амирова Ф.

Маълумот дар бораи иртибот:

735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj

“25” майи 2023